# ТАҚРИЗ

ба автореферати диссертатсияи Ғуломзода Сабзали Эмомалӣ дар мавзуи “Хусусиятҳои зоҳиршавии агрессия дар рафтори наврасон ва роҳҳои пешгирӣ кардани онҳо” барои дарёфти дараҷаи доктори фалсафа PhD, доктор аз рӯйи ихтисоси ихтисоси 6D050300 – Психология (6D050305 - Психологияи иҷтимоӣ)

Раванди дигаргуншавии тезутунди вазъи сиёсиву иқтисодӣ дар ҷомеаи ҷаҳонӣ, бархӯрдҳои хунину харобиовар дар нуқтаҳои гуногуни сайёра, паст шудани сатҳи таҳаммулпазирӣ миёни намояндагони қавму фарҳангҳо ва динҳои мухталиф, зиёд гардидани миқдори қонунвайронкуниҳо аз ҷониби наврасону ҷавонон – ин маҷмуи нотамоми муаммоҳои инсоният дар давраи кунунии таърихӣ маҳсуб меёбад.

Мазмуну мундариҷаи диссертатсияи Ғуломзода Сабзали Эмомалӣ дар мавзуи “Хусусиятҳои зоҳиршавии агрессия дар рафтори наврасон ва роҳҳои пешгирӣ кардани онҳо” яке аз масъалаҳои мубрами психологияи иҷтимоӣ ва роҳҳои пешгирии каҷрафтории наврасонро фаро гирифтааст.

Унвонҷӯ Ғуломзода Сабзали дар заминаи мубрамият мавзуеро мавриди таҳқиқ қарор додааст, ки ба бахши психологияи иҷтимоӣ ва роҳҳои пешгирии рафтори агрессивии наврасон дар шароити муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон иртибот дошта, мубрам маҳсуб меёбад. Мавзуи агрессия ва агрессивнокии инсон дар адабиёти илмии хориҷӣ ва ватанӣ васеъ таҳқиқ шудааст.

Консепсияҳои назариявӣ ва таҳқиқоти таҷрибавии зиёд, ки дар ин самт анҷом дода шудаанд, аз аҳаммияти бузурги мушкилоти рафтори агрессивӣ дар кӯдакон ва наврасон, инчунин, аз сабабҳо ва омилҳое, ки ба инкишофи он мусоидат мекунанд, шаҳодат медиҳанд.

Аз таҳлилу омӯзиши автореферати диссертатсия бар меояд, ки дар натиҷаи анҷоми ҳар боб натиҷаҳои озмоишу пажуҳиши амалӣ ҷамъбаст гардидааст. Дар хулосаи диссертатсия фишурдаи тамоми масъалаҳои дар бобҳо ва зербобҳо таҳқиқшуда ба таври мухтасар инъикос гардида,

натиҷаҳо нишон дода шудаанд, ки рафторҳои агрессивӣ дар духтарон ва писарон хусусиятҳои хоси ҷинсӣ доранд, ки бояд дар ҳама зинаҳои таълим, тарбия ва ташхис ба ҳисоб гирифта шаванд. Истифодаи мақсаднок ва илмии ин натиҷаҳо метавонад барои пешгирӣ намудани рафтори агрессивнокии наврасон ва таъмини фардикунонии таҳсилот мусоидат намояд.

Дар муқаддима унвонҷӯ зарурат ва аҳамияти мавзуи таҳқиқот, дараҷаи омӯзиши мавзуъ, асосҳои назариявию методологӣ, усулҳои таҳқиқот, аҳамияти назариявию амалӣ ва навгониҳои илмии таҳқиқотро баён карда, дар он фарзия, мақсаду вазифаҳо ва объекту предмети таҳқиқотро муайян намудааст.

Боби якуми диссертатсия “Омӯзиши падидаи агрессия дар психология ва илмҳои ба он алоқаманд” ном гирифта, фарогири ду зербоб аст. Дар он оид ба агрессия: муайян кардани ҳудуди рафтори агрессивӣ дар наврасон ва хусусиятҳои психологии зоҳиршавии агрессия дар онҳо мавриди таҳқиқу баррасии муҳаққиқон қарор гирифтаанд.

Боби дуюм “Роҳҳои пешгириюислоҳнамои рафтори агрессивӣ дар наврасон ва интихоби методҳои таҳқиқотӣ” унвон дошта, аз ду зербоб иборат мебошад. Дар ин боб роҳҳои пешгирӣ ва ислоҳи рафтори агрессивӣ дар наврасон ва тавсифи методҳои таҳқиқотӣ ва интихоби озмудашавандагони майл ба рафтори агрессивидошта мавриди омӯзиши қарор дода шудааст.

Дар боби сеюми диссертатсия “Таҳқиқи амалии хусусиятҳои психологии наврасони майл ба рафтори агрессивидошта”, ки аз ду зербоб иборат мебошад, натиҷаҳои ташхиси хусусиятҳои наврасони майл ба рафтори агрессивидошта ва шарҳи натиҷаҳо таҳлил ва коркард шуда, дурустии фарзияҳои таҳқиқот исботи худро ёфтаанд.

Мавриди зикр аст, ки сохтори автореферат ва рисолаи он, интихоби зербобҳо, махсусан, қисмати амалии он ба талабот мувофиқ буда, тамоми ҷанбаҳои кори илмиро фаро мегиранд.

Автореферати диссертатсия муқаррароти ҷориро дар бар гирифта, ба талабот пурра ҷавобгӯ буда, муҳтавои диссертатсияро пурра инъикос менамояд.

Дар баробари ин муваффақиятҳо, камбудиҳои ҷузъӣ ба мушоҳида расиданд. Чунончи, муаллиф зимни таҳияи кори мазкур ба баъзе ғалатҳои имлоӣ, техникӣ роҳ додааст. Ҳамзамон, дар матн баъзан шарҳи масъалаҳо такрор ёфтаанд, ки бартараф намудани онҳо ба манфиати кор хоҳад буд.

Хуллас, рисолаи илмие, ки Ғуломзода Сабзали Эмомалӣ дар мавзуи "Хусусиятҳои зоҳиршавии агрессия дар рафтори наврасон ва роҳҳои пешгирӣ кардани онҳо" барои дарёфти дараҷаи доктори фалсафа PhD, доктор аз рӯйи ихтисоси ихтисоси 6D050300 – Психология (6D050305 - Психологияи иҷтимоӣ) ба анҷом расонидааст, ба талаботи бандҳои 31, 33, 34 ва 35-и тартиби додани дараҷаҳои илмӣ (бо қарори Ҳукумати ҶТ аз 30 июни соли 2021 таҳти № 267 тасдиқ шудааст) мувофиқ буда, муаллифи он сазовори гирифтани дараҷаи илмии аз рӯйи ихтисоси ихтисоси 6D050300 – Психология (6D050305 - Психологияи иҷтимоӣ) мебошад.

Муқарриз: доктори илмҳои
педагогӣ, и.в. профессори
кафедраи фанҳои гуманитарии
Донишгоҳи давлатии молия ва
иқтисоди Тоҷикистон Носиров Саъдулло Шукулоевич

Маълумот барои тамос:
734067, шаҳри Душанбе, кӯчаи Нахимов, 64/14.
Тел.: (+ 992) 935 31 17 71. E-mail. nosirov1965@mail.ru

"11" 02 соли 2026

*Имзои "С. Носиров"-ро тасдиқ мекунам:*

Сардори РК ва КМ-и ДДМИТ Мирҷамолов М.А.